ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи докторанти фалсафа (PhD) Исматзода Рустам Абдусалом дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё қоғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), аз рӯйи ихтисоси 6D030300 – Фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ (6D030301 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ) (ш. Душанбе, 2026. – 41 саҳ.)

Автореферати диссертатсияи ба тақриз пешниҳодшаванда, мутобиқи талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон омода карда шудааст: сохтори он нигоҳ дошта шудааст, ҳамаи унсурҳои ҳатмии хусусияти умумии таҳқиқот, аз он ҷумла мубрамият, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо лоиҳаҳо ва мавзуъҳои илмӣ, мақсад ва вазифаҳо, объект ва мавзуъ, асосҳои назариявӣ, асосҳои методологӣ, заминаҳои эмпирикӣ, навгонии илмӣ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, пай дар пай оварда шудаанд ва бо мундариҷаи диссертатсия дар ягонагии мантиқӣ қарор доранд.

Мубрамии мавзуи таҳқиқ. Сохтакории пул яке аз таҳдидҳои хатарноктарин дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ боқӣ мемонад. Ҷинояти мазкур на танҳо ба манфиатҳои молумулкии шахсони алоҳида, балки ба устувории низоми пулию қарзии давлат, эътимод ба асъори миллӣ ва тартиби амалиёти байналмилалии асъор низ халал ворид менамояд. Хавфи ин кирдорҳо кайҳо дар сатҳи байналмилалӣ дарк шудааст: аллакай соли 1929 дар Женева конвенсияе ба имзо расид, ки талошҳои давлатҳоро барои мубориза бо тайёр кардани пулҳои қалбакӣ ҳамоҳанг мекард, ки хусусияти байналмиллалии ин таҳдидро тақозо мекунад.

Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон мушкилот на хусусияти абстрактӣ, балки хусусияти мушаххас дорад. Тибқи маълумоти омории Сармаркази иттилоотӣ-таҳлилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз соли 2010 то 11 моҳи соли 2025 дар Ҷумҳурӣ 198 чунин амалҳо ба қайд гирифта шудаанд ва дар айни замон, динамика мавҷмонанд боқӣ мемонад ва тамоюли устувори коҳишро ошкор намекунад (дар солҳои алоҳида – 2010, 2011 ва 2021 20-23 ҳолат ба қайд гирифта шудааст, дар ҳоле ки дар солҳои дигар ҳолатҳои кам ба қайд гирифта

шудаанд). Азбаски ин ҷиноят бо дараҷаи баланди латентӣ фарқ мекунад, теъдоди воқеии он аз нишондиҳандаҳои расмии оморӣ хеле зиёдтар аст. Нигаронии ҷиддӣ дар он аст, ки ин кирдор тарафт бештар аз ҷониби гуруҳҳои муташаккил, аз ҷумла трансмиллӣ содир карда мешавад: кӯшиши ноором кардани низоми молиявӣ тавассути вайрон кардани фишангҳои ҳисоббаробаркунии нақдӣ ва ғайринақдӣ вуҷуд дорад.

Дар баробари ин, таҳрири амалкунандаи моддаи 281 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шароитҳои муосири ҳуқуқтатбиқнамоӣ пурра ҷавобгӯ нест. Ҳамин тариқ, оид ба масъалаҳои бандубасти аломати «миқдори калон», марзҳои предмети ҷиноят ва фарқнамоии он аз таркибҳои ҷиноятҳои ба он монанд (моддаҳои 247, 282, 283 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон) то имрӯз дар илм ё таҷрибаи судӣ мавқеи ягона вуҷуд надорад, ки фаъолияти мақомоти тафтишотӣ ва судиро мушкилтар мегардонад. Ғайр аз ин, таҳқиқоти монографӣ, ки ба ин масъала дар робита ба ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шуда бошад, то имрӯз вуҷуд надорад.

Маҷмуи ҳолатҳои овардашуда аҳамияти мавзуи интихобкардаи диссертатсияи Исматзода Рустам Абдусаломро муайян мекунанд, ки дар он масъалаҳои муҳими ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) инъикос гардидаанд. Натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур метавонанд барои ғанӣ гардонидани илми ҳуқуқӣ ҷиноятӣ ва такмил додани меъёрҳои Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин самт манфиатовар бошанд.

Дар хулоса ва пешниҳодҳои дар автореферати диссертатсия овардашуда дараҷаи баланди асоснокӣ ва эътимоднокии онҳо ифода гардидаанд.

Асоси методологии таҳқиқотро усулҳои илмии назарияи маърифат ташкил медиҳанд, ки муносибати умумиилмии диалектикиро ба омӯзиши падидаҳои иҷтимоӣ инъикос мекунанд, аз ҷумла усулҳое, ба монанди: мантиқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, ҳуҷҷатӣ, оморӣ истифода шудаанд. Ҳангоми пеш бурдани таҳқиқот, муаллиф, усулҳои махсуси илмӣ, дар вақти омӯзиши таърихи ташаккул ва инкишофи қонунгузории ҷиноятӣ дар бораи ҷавобгарӣ барои тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта); мантиқӣ, ки дар таҳлили ҷузъии аломатҳои муқаррарнамудаи қонуни ҷиноятӣ оиди тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта), инъикос меёбад; усули муқоисавӣ-ҳуқуқӣ ҳангоми таҳлил намудани қонунгузории ҷиноятии баъзе аз давлатҳои хориҷӣ дар масоили танзими ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва ҷавобгарӣ барои тайёр кардан ё ба муомилот

баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта); усули ҳуҷҷатӣ, дар вақти омӯхтани парвандаҳои ҷиноятии бо ин ҷиноят алоқамандбуда; усули оморӣ, ки дар ҷамъ овардан ва омӯхтани маълумотҳои оморӣ оид ба сатҳи содиршавии ҷинояти тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) ифода мегарданд, зери истифода қарор додааст.

Заминаҳои эмпирикии таҳқиқот аз таҷрибаи Суди Олии ҶТ, маълумоти омории Сармаркази иттилоотӣ-таҳлилии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи вазъ ва динамикаи ҷиноятҳои корӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи аз соли 2010 то 11 моҳи соли 2025, натиҷаҳои таҳқиқоти мушаххаси сотсиологии муаллифони дигар, иборат мебошанд. Дар ҷараёни таҳқиқоти диссертатсионӣ муаллиф 98 парвандаи ҷиноятиро дар бораи ҷиноятҳои пешбининамудаи м. 281 КҶ ҶТ омӯхтааст, ки қобили таваҷҷуҳи хоса мебошанд.

Муаллиф аз рӯйи мавзуи диссертатсия 9 мақолаи илмиро ба чоп расонидааст, аз он ҷумла – 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 5 мақола дар нашрияҳои дигар, ки аз кофӣ будани инъикосёбии натиҷаҳои асосии таҳқиқоти гузаронидашудаи диссертатсионӣ гувоҳӣ медиҳанд.

Дар баробари ин, паҳлуҳои алоҳидаи таҳқиқоти илмии мазкур хусусияти баҳсбарангез доранд ва метавонанд мавзуи баҳси пурмазмун дар вақти ҳимоя бошанд:

Дар банди “в” пешниҳодҳо оид ба такмилдиҳии моддаи 281 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муаллиф қайд намудааст, ки ҳангоми омӯзиши ҳамаҷонибаи тарафи объективии тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) аниқ гардид, ки муайян кардани арзиши предмет барои аломати «миқдори калон», ки дар м. 281 КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст ва муайян кардани он дар эзоҳ ба м. 283 КҶ ҶТ оварда шудааст, дар айни замон тавассути истифодаи усули маънидодкунии силсилавӣ, ки асосан ба мутахассисони соҳаи ҳуқуқшиносӣ маълум аст, амалӣ карда мешавад. Дар робита ба ин, барои самараноктар истифода бурдани аломати вазнинкунандаи «миқдори калон» муайян кардани мафҳуми он нисбат ба тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) на дар эзоҳи м. 283 КҶ ҶТ, балки бо роҳи дохил кардани эзоҳи алоҳида ба м. 281 КҶ ҶТ бо мазмуни зерин мақсаднок аст: «Таҳти мафҳуми миқдори калон дар моддаи мазкури ҳамин Кодекс чунин миқдоре ҳисобида мешавад, ки он аз андозаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо як ҳазор маротиба зиёд бошад» (саҳ. 14). Аммо ин пешниҳод сазовори асоснокунии иловагӣ мебошад. Зеро маълум нест, ки оиди

кадом нишондиҳандаҳо сухан меравад ва илова намудани эзоҳи мазкур ба моддаи 281 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон то чӣ андоза, вобаста ба таҷрибаи амалияи судӣ-тафтишотӣ зарур аст.

Хулоса. Автореферати диссертатсияи Исматзода Рустам Абдусалом мазмуни асосии кори диссертатсиониро пурра ва бо тартиби мантиқӣ инъикос менамояд. Таҳқиқот дар сатҳи зарурии илмӣ анҷом ёфта, дорои навгонии илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ мебошад.

Таҳқиқоти диссертатсионии Исматзода Рустам Абдусалом дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта)» ба талаботи муқаррарнамудаи бандҳои 29-36, 40-41-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 августи соли 2026, №591 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), аз рӯйи ихтисоси 6D030300-Фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ (6D030301-Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ) мебошад.

Тақриздиҳанда:
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент,
декани факултети ҳуқуқшиносии
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Сафарзода Н.Ф.

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, н. Рӯдакӣ,
ҷ/д Чоряккорон, д. Меҳробод, хонаи 90
E-mail: nekruz-0101@mail.ru
Тел.: (+992) 918559828

Имзои Сафарзода Н.Ф.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои
махсуси Академияи идоракунии давлатии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
номзади илмҳои педагогӣ Насурдинзода А.Н.

Суроғаи муассиса: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир 33; **Тел.:** 224-17-86, 224-83-93 (факс); **E-mail:** info@apa.tj

«16» 01 соли 2026